*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17*

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи “Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

Фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс доманаи васеъ дошта, мактабҳои зиёди фикриеро фаро мегирад, ки намояндагони онҳо дар ташаккули илму маънавиёти умибашарӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумлаи чунин мактабҳои фалсафӣ ҳикмати машшоия мебошад, ки ҳама намояндагони он бо ибрози андешаҳои ақлгароёна машҳур гардидаанд. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки: “мутафаккирони мактаби машшоия фалсафаро иборат аз «маърифати ҳамаи ашё ба қадри тоқати инсонӣ» дониста, онро ба ду қисм: 1) ашёе, ки вуҷудушон дар ихтиёр ва қудрати инсон нест ва таввасути моҳияти худ, ки берун аз ихтиёри инсон мебошанд ба вуҷуд меоянд ва ё аз байн мераванд; 2) ашёе, ки дар доираи феъл ва ихтиёри инсон ҳастанд ва таҳти қудрати ӯ қарор мегиранд, тақсим намуда, ҳар кадомеро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳанд” (саҳ. 37-38).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мутафаккирони мактаби машшоия дар баробари таҳқиқи масоили марбут ба фалсафаи назарӣ, инчунин ба фалсафаи амалӣ, ки моҳияти онро ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсат ташкил менамояд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Яке аз мутафаккирони мактаби мазкур Қутбиддин Шерозӣ мебошад, ки ҳикмати амалиро ҳамаҷониба таҳқиқ карда, дар асари маъруфи хеш “Дуррат-ут-тоҷ” масъалаи мазкурро ба таври системавӣ таҳлил менамояд. Баҳогузории академик М.Диноршоев дар нисбати Қутбиддин Шерозӣ ва нақши ӯ дар инкишофи фалсафаи амалӣ асоси воқеӣ дорад. Номбурда дар китоби “Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино” (саҳ.257) менависад, ки «Қутбиддини Шерозӣ зери таъсири Ибни Сино асари

барҷастаи хеш «Дуррат-ут-тоҷ»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тасниф кардааст, ки ҳамрадифи «Шифо»-и Шайхурраис аст, вале бархилофи «Шифо» дар он масоили фалсафаи амалӣ муфассалтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд».

Бо назардошти андешаи зикршуда гуфтан мумкин аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дорои аҳамият ва арзиши хосса аст. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки бо маҳорати хосса ва далелҳои муътамад муҳимияти мавзуи таҳқиқотии хешро асоснок намуда, арзиши назариву амалии онро барои замони муосир нишон диҳад. Диссертант ба маврид қайд менамояд, ки “Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки аз як ҷониб раванди бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва аз ҷониби дигар масоили ахлоқӣ ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ гардида, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавқеи инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолату таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ ва инсонсоз заиф гаштааст ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардидааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс муҳиму актуалӣ мебошад”(саҳ.5). Ин ва дигар андешаҳои муаллифи диссертатсия, ки тариқи мушаххас дар шаш банд оварда шудаанд, ҷиҳати исботи мубрамияти мавзуъ кифоят мекунанд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шудааст. Муаллифи диссертатсия сарчашма ва осори таҳқиқотиеро, ки ба мавзуъ дахл доранд ба шаш гурӯҳ: осори таърихнигорони асримиёнагӣ; таҳқиқоти олимони хориҷӣ, ки Қутбиддин Шерозиро ҳамчун мутафаккири табиатшинос муаррифӣ кардаанд; олимони ватанию хориҷӣ, ки дар доираи таҳқиқоти худ аз мутафаккир ёд кардаанд; мақолаҳои илмие, ки бевосита ба ҳаёт ва эҷодиёти Қутбиддин Шерозӣ бахшида шудаанд; ноширони осори мутафаккир ва таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, ки дар робита ба осори Қутбиддин Шерозӣ анҷом шудаанд, ҷудо намуда, саҳми онҳоро дар коркарди

мавзуи мавриди таҳқиқ нишон додааст. Чунин тарзи муносибат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки диссертант мавзуи илмии худро ҳамаҷониба омӯхта, методологияи таҳқикро дар сатҳи зарурӣ фаро гирифтааст.

Дар робита ба асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки ҳамагӣ бо якдигар алоқаманд ва пайванди мантиқӣ доранд. Дар робита ба мавзуъ мақсади таҳқиқ, объект ва предмет муайян гардида, вазифаҳо аз мақсад ва навгониҳо аз нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда сарчашма мегиранд, ки гувоҳ аз таҳияи бонизоми кори илмӣ мебошанд. Бо итминон гуфта метавонем, ки масъалаҳои таҳлил ва муқоисашуда ба кори таҳқиқотӣ иртиботи ногусатанӣ дорад. Вазифаҳои таҳқиқот ба мақсад мувофиқат ва дар тартиби гузориш якдигарро тақвият ва системанокиро таъмин менамоянд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои герменевтикӣ ва умумиилмӣ ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия усулҳои зикршударо ба маврид истифода намуда, натиҷаҳои илман асоснокро пешниҳод менамояд. Дар маҷмуъ, заминаҳои эмпирикии кори таҳқиқотӣ далелҳои илмии асоснокшуда ва аз ҷониби аксарияти муҳаққиқон пазируфташуда, ба ҳисоб мераванд.

Ҷолибияти рисолаи Амирхон Ш.Т. дар он аст, ки дар он сарчашмаҳои зиёд, аз ҷумла асарҳои бунёдии мутафаккирони давраи қадим ва асрҳои миёна, инчунин осори таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ истифода шуда, тариқи усули муқоисавӣ баҳогузорӣ шудаанд. Ҳамчунин, таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф андешаҳои Қутбиддин Шерозиро дар қиёс бо мутафаккирони гузашта ва ҳамзамонони ӯ таҳлил намуда, арзиши онҳоро барои ҷомеаи муосир нишон медиҳад. Ба маънии дигар, муаллиф муваффақ шудааст, бо истифода аз таҳлил ва муқоисанамоӣ хулосаю тавсияҳои амалии худро барои ҷомеаи муосир, ҷиҳати ба танзим

даровардани муносибатҳои ахлоқӣ, оиладорӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ асоснок намояд.

Аз муҳтавои диссертасия бармеояд, ки он комилан ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

Муаллифи диссертатсия эълом медорад, ки мақсади кори таҳқиқотиро ба таври маҷмуӣ ва системавӣ таҳқиқ ва таҳлил кардани ҷанбаҳои мухталифи фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ ташкил медиҳад. Вобаста ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда, диссертант ба мақсади худ ноил гардида, навгониҳои илмиеро пешниҳод намудааст, ки ҳамагӣ асоси илмӣ дошта, аз мазмун ва муҳтавои кори илмӣ бармеоянд. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он, воқеан:

- таснифоти илмҳоро аз назари мутафаккир таҳлил ва мақому ҷойгоҳи фалсафаи амалиро дар низоми илмҳои фалсафӣ равшан кардааст;

- осори Қутбиддин Шерозӣ вобаста ба мавзуъ, муҳтаво ва самти илмӣ тавсиф шудааст;

- муайян кардааст, ки Қутбиддин Шерозӣ ахлоқро ҳамчун илми фалсафие муаррифӣ менамояд, ки баррасикунандаи моҳияти ҳастии инсон, муайянкунандаи мақсади вуҷудияти он ва танзимкунандаи саодат буда, монеаҳои замонӣ, қавмию нажодӣ ва динию мазҳабиро намеписандад;

- комилан тағйирпазир будани ахлоқро аз назари мутафаккир ошкор карда, таноқузҳои фикрӣ доир ба ин масъаларо нишон додааст;

- оила ҳамчун институти иҷтимоӣ аз назари Қутбиддин Шерозӣ таҳқиқ гардида, вазифаҳои иҷтимоии он мушаххас ва арзишмандии андешаҳои мутафаккирро дар замони имрӯз муайян намудааст;

- исбот карда мешавад, ки Қутбиддин Шерозӣ яке аз асосгузорони фалсафаи тарбияи инсон аст, ки усулҳои тарбияро вобаста ба қобилият, шавқ, ирода ва бидуни озори ҷисмониву равонии тарбиягиранда, ки дар илми ахлоқ, педагогика ва психологияи муосир афзалият доранд, пешниҳод ва ҷонибдорӣ намудааст;

- андешаҳои сиёсию иҷтимоии мутафаккир таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки Қутбиддин Шерозӣ мафҳуми «сиёсат»-ро иборат аз таъмини зиндагии шоистаи аҳли ҷомеа ва дарёфти роҳҳои мувофиқи идораи давлат, иштироки аъзои ҷомеа дар идоракунии давлат донистааст, ки ба таърифи баённамудаи Макс Вебер ҳамоҳанг мебошад;

- ошкор гардидаст, ки дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ «сиёсати гуманистӣ» мавқеи марказиро ишғол намуда, ҷонибдори сиёсати инсонмеҳвар ва низоми сиёсати иҷтимоие мебошад, ки дар асоси ҳамфикрии иҷтимоӣ ва идоракунии одилона ташкил шуда бошад.

Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии Амирхон Ш.Т. пеш аз ҳама, дар асоси осори фалсафии Қутбиддин Шерозӣ, асарҳои мутафаккирони аҳди қадим, асрҳои миёна ва таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳлили масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ иртибот доранд, таҳия гардидааст. Ҷанбаи амалии таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки хулосаю натиҷаҳои бадастомадаи онро метавон ҳангоми анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ доир ба таърихи фалсафа, ахлоқ, таърихи андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва педагогӣ ба таври васеъ истифода намуд. Ҳамзамон, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, дастуру воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, этика, сиёсатшиносӣ, сотсиология, фарҳангшиносӣ, муносибатҳои оиладорӣ ва ғайра истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Илова бар ин, метавон хулосаҳои назариявию натиҷаҳои амалии таҳқиқотро ҳангоми баргузор намудани корҳои тарбиявию ташвиқотӣ дар самти такмил додани худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои фарҳангӣ, пешгирӣ кардани ҷавонон аз гароиш ба хурофот ва таассуби динӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва ғайра истифода намуд.

Дар мавриди сохтори кори диссертатсионӣ ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки он ҷавобгӯ ба талаботҳои муқарраргардида мебошад. Гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии қисматҳои дигари диссертатсия нишон

медиҳад, ки муаллиф вазифаҳои пешбинишударо иҷро, навовариҳои мушаххасро пешниҳод ва истифодаи амалии натиҷаҳоро барои ҳаллу фасл ва бартараф кардаи мушкилоти ахлоқию иҷтимоии ҷомеаи муосир асоснок кардааст.

Аз таҳлили қисмати асосии кор хулоса кардан мумкин аст, ки бобҳо ва зерфаслҳои он бо ҳам алоқаманд ва якдигарро пурра мекунанд. Дар боби якум - "Манбаъҳои назариявии ташаккули фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ" се масъалаи асосӣ: муайян кардани ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ, тавсифи зиндагинома ва мероси фалсафии Қутбиддин Шерозӣ ва мушаххас намудани асосҳои таърихии фалсафаи амалии мутафаккир, мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст. Арзиши илмии боби якуми диссертатсия дар он аст, ки ҳар як зербоб, на танҳо фарогири андешаҳои умумӣ, балки кӯшиши диссертантро ҷиҳати ба таври муқоисавӣ ва дар асоси сарчашмаҳои бунёдӣ таҳлилу баррасӣ намудани масъалаи мавриди таҳқиқ ва тавсияву пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро фаро мегирад.

Масъалаҳои асосӣ ва вазифаҳои гузошташуда дар бобҳои дуюм, сеюм ва чаҳоруми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҳамагӣ моҳияти мавзуъ, яъне фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозиро ошкор месозанд. Қисматҳои таркибии фалсафаи амалӣ: ахлоқ, тадбири манзил (манзилдорӣ) ва сиёсат, дар такя ба осори Қутбиддин Шерозӣ мувофиқ ба талаботи корҳои илмӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия "Масъалаҳои ахлоқӣ дар фалсафаи амалӣ" муаллиф тавонистааст, ки моҳияти ахлоқ ва аҳамияти он дар ҷомеа, масъалаи тағйирпазир ва фитрӣ будани ахлоқ, инчунин меъёр, сифат ва категорияҳои ахлоқиро аз назари Қутбиддин Шерозӣ ва дар муқоиса бо мутафаккирони дигар баррасӣ намуда, арзиши онҳоро барои ҷомеаи муосир нишон диҳад. Диссертант қайд менамояд, ки "Қутбиддин Шерозӣ ахлоқро дар пайравӣ аз мактабҳои фикрӣ ва мутафаккирони соҳибандеша шарҳу

тавзеҳ медиҳад, аммо дар фарқият аз онҳо “ахлоқ”-ро дар баробари риёзиёт (илми ҳисоб) ва космология (ҳайати афлок) илми фалсафӣ ва мавзуи мавриди таҳқиқи онро вобаста ба қавмияту нажод ва эътиқодоти динӣ муаррифӣ менамояд (саҳ.105).

Таҳлили муқаррароти муҳимтарини ахлоқӣ дар бисту се сифат ва муқоиса кардани онҳо бо андешаҳои файласуфони юнонӣ, намояндагони мактабҳои тоисломӣ ва мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс, нишон додани нақши онҳо барои танзими муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи муосир аз муваффақиятҳои назарраси муаллиф дар ин самт мебошанд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот ба муаллиф муяссар гаштааст, ки масъалаи пайдоиш, сохтор ва вазифаҳои оиларо дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ ба таври возеҳ таҳлил ва баррасӣ намояд. Зеро ба андешаи мутафаккир “манзил маконест муқаддас ва ниҳодест, ки бунёди камолоти фард бад-он бастагӣ дорад” (саҳ.174).

Дигар муваффақияти кори таҳқиқотӣ дар он намоён мегардад, ки муаллиф зимни таҳқиқи масъалаи мазкур таърифи Қутбинддин Шерозиро дар мавриди аз доираи никоҳ фаротар будани оила, мушаххас нишон медиҳад (саҳ.178).

Андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Қутбиддин Шерозӣ дар боби 4-ум низ аз тарафи муаллиф бо усули муқоиса, бо ақидаи мутафаккирони гузаштаву замони зиндагии файласуф ва марҳилаҳои баъдӣ сурат гирифтааст, ки аз сатҳи баланди дониши тахассусӣ доштани диссертант далолат мекунад. Зеро муқоисаҳо далелнок, таҳлилҳо илмӣ ва тавсияву натиҷаҳои бадастомада барои рушди ҷомеаи муосир, ба манфиат мебошанд (саҳ.238-306).

Қисмати хулосавии диссертатсия низ ҷавобгӯ ба талаботҳои муқарраргардида таҳия шудааст. Он натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳоро фаро гирифта, мушаххасан дар дувоздаҳ банд пешниҳод шудаанд, ки ҳамагӣ аз диссертатсия бармеоянд (саҳ.307-315).

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида диссертатсияи Амирхон Ш.Т.-ро мусбат арзёбӣ карда, вале якчанд масъалаҳои баҳсталаб ва норасоиҳои ҷузъиро пешниҳод кардан мумкин аст. Ба андешаи мо:

1. Диссертант дар параграфи сеюми диссертатсия асосҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, таъсирпазирии мутафаккирро аз онҳо муайян кардааст, ки қобили пазириш аст. Аз ҷумла, таъсирпазирии мутафаккирро аз фалсафа ва ҷаҳоншиносии тоисломии тоҷик ба ду бахш: бевосита ва бавосита ҷудо намуда, бахши якумро ба тафсил таҳлил намудааст, вале бахши дуюм (бавосита) он қадар равшан ба назар намерасад;

2. Муаллиф масъалаи тағйирпазир ва фитрӣ будани ахлоқро ба миён гузошта, назару дидгоҳҳои мухталифро дар робита бо он мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, тағйирпазир будани ахлоқро аз дидгоҳи Қутбиддин Шерозӣ ба дараҷаи зарурӣ коркард кардааст, вале ба хусусияти фитрии ахлоқ камтар таваҷҷуҳ намудааст.

3. Диссертант дар мавриди категорияи “хулқ” менависад, ки “Хулқ, ҳамчун «қонуни вуҷуди инсон» - «ноумус» (Афлотун), «қонуни ахлоқӣ дар ман» (И.Кант) амалҳои инсониро зери назорат гирифта, бо иҷрои вазифаҳои хеш инсонро пойбанди «ҳадди васат» (миёна) мегардонад. Шинохти мақому ҷойгоҳ ва ҳадди васат дар фаъолиятҳои ахлоқӣ, худ нуқтаи камолот ва мақоми инсон дар низоми офариниш ва ҷузъи («логос») кайҳон будани инсон маҳсуб мешавад” (саҳ.137). Андешаи муаллиф ҷолиб ва равшану фаҳмост, вале ягон асари Афлотун ва Кант нишон дода нашудааст, ки масъалаи мазкур дар онҳо баррасӣ шуда бошад;

4. Аз таҳлили рисола маълум мегардад, ки диссертант сарчашмаи андешаи чандид мутафаккирони ғарбӣ, аз ҷумла ақидаҳои Макс Вебер дар мавриди шинохти мазмун ва моҳияти “сиёсат”, назарияи “органикии ҷомеа”-и Г.Спенсер, таълимоти К.Маркс, ки асоси сиёсат ва низоми давлатдориро танзими муносибатҳои иқтисодӣ меҳисобад ва андешаҳои Ф.Нитсше доир ба

тавсифи сифатҳои роҳбарӣ ва қудрату тавони роҳбар аз лиҳози ғоявиро таълимоти Қутбиддин Шерозӣ дониста, онро асоснок менамояд, ки қобили пазироист. Аммо, агар муаллиф аз осори донишмандони фавқуззикр иқтибосеро оид ба ин масоил, бо зикри номи Қутбиддин Шерозӣ ва ё аз дигар асарҳои таҳқиқотии ҷомеашиносон ишора мекард, арзиши илмии таҳқиқотро дучанд мегардонид.

Албатта, эродҳои баёнгардида хусусияти бунёдӣ надошта, характери пешниҳодӣ доранд ва арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Амирхон Ш.Т. дар мавзуи “Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ”, ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва арзиши амалӣ мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар раванди таҳияи диссертатсия сарчашмаҳои зиёдро истифода намуда, дар такя ба андеша ва таълимотҳои муътамад, осори Қутбиддин Шерозӣ ва асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бар он муваффақ гаштааст, ки моҳияти фалсафаи амалии мутафаккирро таҳлилу таҳқиқ карда, арзиши таърихӣ ва амалии онро барои ҷомеаи муосир ошкор намояд. Натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дастоварди бевоситаи муаллиф ба ҳисоб мераванд. Корҳои илмии нашршуда ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ салоҳияти диссертантро доир ба масъалаҳои баррасишаванда тасдиқ менамоянд. Монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда пурра ба рисолаи диссертатсионӣ дахл дошта, моҳияти онро инъикос менамоянд.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Амирхон Ш.Т. дар мавзуи “Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи

бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Кор ба талаботҳои муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент**
**мудири кафедраи забони франсавии**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Султонзода С.А.**

**Имзои С.А. Султонзодаро тасдиқ мекунам:**
**сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Тел: 93-814-86-39, E-mail: sultonzoda83@mail.ru**